# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-OI8 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таьрихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

1. Дар шароити муосири дигаргуниҳои куллии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ислоҳотҳои ҳуқуқӣ, ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва тағйиротҳои дигари ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи мутамаддини шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд нақши ҳокимияти судӣ, огоҳии шуури ҳуқуқии судӣ ва татбиқи ҳуқуқ махсусан меафзояд. Вобаста ба ин, дар мамлакат як силсила ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқие гузаронида шудаанд, ки онҳо ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва пеш аз ҳама, ба ташаккул ва таҳкими мақомоти судӣ таъсири мусбӣ расониданд. Бинобар ин, барои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои назариявӣ-илмие заруранд, ки барои таъмини мустақилияти судяҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии судяҳо мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, коркарди проблемаи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо аз ҷиҳати назария ва амалияи илми ҳуқуқшиносӣ зарур ба шумор меравад. Возеҳу равшан аст, ки проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ кайҳо боз таваҷҷӯҳи олимони ҳуқуқшиносро ба худ ҷалб кардааст. Он дар асарҳои ҳам мутахассисон оид ба назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ ва ҳам фанҳои ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тарҳрезӣ қарор дода шудааст. Аммо қисми асосии таҳқиқотҳо оид ба масъалаҳои бамиёномада, даҳсолаҳо пеш аз ин интишор ёфтаанд ва мафҳуми онҳо асосан дарки назариявии проблемаи шуури ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқро дар бар мегиранд. Ҷиҳати шуури ҳуқуқии касбии судя ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дар баррасии парвандаҳои судӣ бошад, дар адабиётҳои соҳавӣ ва маводи илмӣ, ба шакли масъалаҳои умумии татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ қайд намуданд, механизми муҳими ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини волоияти қонун мақомоти ҳокимияти судӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти судӣ ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо

диққати махсус дода, таъкид намуданд, ки ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба вазифаи судя донишу маҳорат ва сифатҳои ахлоқии онҳо мавриди омӯзишу санҷиш қарор дода шавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024-ро ба ифтихори санаи бисёр муҳимми таърихӣ, 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд. Дар паём, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд карданд, ки Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем».

Дар Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Новобаста аз тарҳрезии проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ баъзе масъалаҳо, ба монанди шуури ҳуқуқии касбии судяҳо ҳоло ҳам мушкилотҳо, таҳқиқотҳои нокифояи ҷанбаҳои алоҳидаи ин проблема ҷой доранд. Пурсишҳои сотсиологии дар байни судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки чораҳои андешидашуда ҳам дар қисми қонунгузорӣ ва ҳам сатҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва сифату самаранокии қабули санадҳои судӣ ба пурраги кифоя намекунанд. Махсусан кафолатҳои қонунии мустақилияти судяҳо, масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои судӣ чӣ дар қонунгузорӣ ва чӣ дар амалия беҳбудиро талаб мекунад, ки ҳамаи ин дар натиҷа ба шуури ҳуқуқии судяҳо таъсири худро мерасонад.

Қайд мегардад, ки ҳаёти ҳуқуқӣ аксар вақт ҳолатҳои мухталифро ба вуҷуд оварда, бидуни таҳлил ва фаҳмиши назариявии онҳо ҳалли он душвориро ба миён меорад ва адабиёти махсус дар бораи шуури ҳуқуқии касбии судяҳо, ки роҳнамои ҳалли ин масъалаҳо бошад, кам аст. Дар ин замина, қайд мегардад, ки судяҳо бояд ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, бо истифода аз арзишҳои ҳуқуқӣ, одату анъанаҳои ҳуқуқӣ, мероси фарҳанги ҳуқуқии миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотонии раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ, бозомӯзӣ, дарки падидаҳои ҳаёти ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, фаъолияти касбии худро сифатан

баланд бардоранд. Ҳамзамон, имконпазирии гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар доираи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии тамоми ҷомеа ба мақсад мувофиқ меҳисобад.

Бинобар ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявии шуури ҳуқуқии касбии судяҳо дар алоқамандӣ бо таҷрибаи судӣ дар замони муосир заруратро металабад ва интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, маҳз бо дар назар доштани ҳамин гуфтаҳо асос ёфтааст.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил ва омӯхтани омилҳое мебошанд, ки ба ҷараёни дар ҳаёт татбиқ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ душвориҳоро ба миён меоранд. Муаллиф аз нигоҳи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, ки роҳҳои ташаккули шуури ҳуқуқии касбии судяҳои замони муосир ва тағйир додани тафаккури фаҳмиши ҳуқуқ аз ҷониби судяҳо ва тамоми шахсоне, ки бо ин ё он тарз дар татбиқи ҳуқуқ ва дар баамалбарории адолати судӣ саҳм доранд, коркард намуда, ақидаҳои назариявӣ ва таклифҳои амалӣ пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии проблемаҳои шуури ҳуқуқии судӣ дар сатҳи дастрасии бевоситаи онҳо дар таҷрибаи судӣ ва тавассути масъалаҳое, ки худи амалияи судӣ ба миён мегузорад, аҳаммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқоти рисолаи илмиро махсусан таъкид мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мутобиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 васоити таълимӣ, 73 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 30 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Т.Қ., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодирзода Т.Қ., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирзода Тоҳир Қамар дар мавзуи «Проблемаҳои назариявии ташаккули шуури ҳуқуқии судяҳо дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Раҷабзода Равшан Муҳитдин,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети дуюми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд);

- **Одиназода Рамазон Сафар**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмиллалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Руссияву Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ; Диноршоҳ А.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

Имзоҳоро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

« » 26.03 2025 с.